# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сафаров Хуррам Абдусатторович дар мавзуи “Роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**.

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Хуррам Абдусатторович дар мавзуи “Роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккули сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар бар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатиро ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии ташаккули низоми буҷети давлатӣ, усулҳои муосири низоми танзими касри буҷети давлатӣ дар асоси таҷрибаи хориҷӣ, таҳлил ва баҳогузорӣ, ошкорнамоии тамоюлҳои сохторӣ ва институтсионалии танзими касри буҷети давлатӣ, пешниҳоди самтҳои афзалиятноки васеъкунии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ мустақилона аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда, мазмуни пурраи таҳқиқоти илмиро форогир мебошад.
2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Ба муаммои касри буҷет ва ё номувозинатии қисматҳои даромаду хароҷоти буҷет, тамоми давлатҳои ҷаҳон дар марҳилаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ гардидааст боиси вайрон шудани низоми молиякунонӣ дар мамлакат ва боиси пайдо шудани он норасоии захираҳои молиявӣ шудааст. Дар шароити муосир муайян намудани сарчашмаҳои иловагии рӯйпушнамоии касри буҷети давлатӣ дар иқтисоди миллӣ зарур буда, ба муайян намудани сарчашмаҳои нави ин бахш вобаста аст. Дар ин асос метавон гуфт, ки афзалиятҳо, ба монанди суботи макрофискалӣ ва ё таъмини тақсимоти самараноки маблағҳо, танҳо дар шароите ба даст меоянд, ки нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ рушд намуда, боиси ба даст омадани чунин

афзалиятҳо гардида, танзими касри буҷетро таъмин намоем.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки вобаста аз он ба Шурои диссертатсионӣ ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 5,9 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Сафаров Х.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сафаров Х.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи аспирант чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сафаров Хуррам Абдусатторович дар мавзуи “Роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба Шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Шарипов Баҳром Маҳмудович** - доктори илмҳои иқтисодӣ - сарходими илмии Инситути иқтисод ва демографияи Академияи миллии Тоҷикистон;
- **Яқубзода Маъруф Садруддин** - доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия, муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

1. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

2. Барои нашри эълони ҳимояи диссертатсия ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Умаров Ҳ.У.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Обидов Ф.С.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Султонов З.